«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
д.и.т., профессор Усмонзода А.И.
_______________
«23» апрели 2023с.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00:07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

## Мубрамӣ ва муҳимияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Дар марҳилаҳои рушди иқтисодиёти имрузии бозорӣ, ба вуҷуд омадани тағйироти равандҳо ва муносибатҳои иқтисодии ҷомеа дар низоми бонкӣ ҳамчун низоми таҳаммулпазири фишорҳои иқтисодӣ ва муҳаррики пешбарандаи рушди иқтисодиёти ҳар як давлат маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, ба фаъолияти ҳамарӯзаи корхонаву муассисаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ва ба шаҳрвандони алоҳида хизматрасонӣ менамояд. Низоми бонкӣ сохтори марказонидашудаи бахши институтҳои молиявӣ буда, ба ҷамъкунӣ, тақсим ва азнавтақсимкунии сармояи пулӣ машғул мебошад. Вобаста ба ин, механизми асосии назариявии фаъолияти бонкҳо дар сатҳи ҷомеа ташкили дурусти муомилоти пулиро дар байни субъектҳои гуногун ва алоҳидаи иқтисодиёт дар заминаи талабот ва имконоти мавҷуда ташкил менамояд ва тавассути бонкҳо пайдарпайии ҷараёни муносибатҳои пулӣ таъмин карда мешавад. Бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун институтҳои миёнарав дар ташкили муносибат байни харидору фурӯшанда ва истеҳсолкунандаю истеъмокунанда иштирок намуда, бо ин роҳ даромади худро таъмин ва талаботи мизоҷони худро вобаста ба шаклҳои гуногуни амалиёт ва хизматрасонӣ қонеъ мегардонанд. Бонкҳои тиҷоратӣ дар натиҷаи фаъолияти миёнаравӣ байни субъектҳои гуногуни иқтисодӣ то як андоза маҳдудиятҳои норасоии захираҳои пулиро дар дигар субъектҳо бартараф месозанд.

Таҷриба ва таҳаввулоти солҳои охир собит намуд, ки низоми бонкӣ ҳамчун қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи иқтисодиёти миллӣ маҳсуб ёфта, омили асосии қонеъ гардонидани талабот дар ҷомеаи иқтисодӣ мебошад ва тавассути мутамарказ кардани сарчашмаҳои зиёди пулӣ ва дар заминаи ин, қонеъ кардани талаботи рӯзафзуни доимотағйирёбандаи сатҳи истеҳсолот ва эҳтиёҷоти тамоми қишри ҷомеа хизмат мерасонад. Пешрафти ҷомеаи иқтисодӣ, дар маҷмуъ аз

ҳолати хуби устуворӣ ва иктидори молиявию захиравии низоми бонкӣ вобастагии зиёд дорад.

Таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ, ноороми дар як катор кишварҳои шарики стратегии Тоҷикистон, равандҳои идоракунии нодуруст дар умури низоми бонкӣ боиси бамаротиб коҳиш ёфтани шумораи бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои карзии ғайрибонкӣ гардид, ки ин ҳолат аз муаммодор гардидани вазъи низоми бонкии кишвар гувоҳӣ медиҳад. Дар давоми 5 сол шумораи бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои карзӣ дар ҳоли муфлисшавӣ карор гирифта, аз 134 адади соли 2015 ба 71 адад дар соли 2021 расид, ки зиёда аз 50%-и ин шумораро ташкил медиҳад. Аммо, шумораи вокеии ташкилотҳои карзии аз ҷиҳати молиявӣ ноустувор хеле зиёд буд.

Бинобар ин, зарурати дар баробари масъалаҳои устувории низоми бонкӣ ва методҳое, ки каблан вуҷуд доштанд, онҳоро боназардошти ҳолати вокеии имрӯзаи бонкҳо такмил дода, бо ҳамин тарз роҳи таъмини устувории онҳоро нишон додан, таҳкикоти ҷидди илмиро такозо мекунад. Аз тарафи дигар, низоми баҳодиҳии сатҳи муаммоҳои низоми бонкӣ то ба ҳол, вобаста ба он ки иктисодиёт доимо дар ҳоли тағйирёбӣ карор дорад, мушаххас нест. Ҳамаи ин гуфтаҳо боиси интихоби мавзуъ, максад ва вазифагузорӣ дар таҳкикоти мо гардиданд.

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07.- Молия, муомилоти пулӣ ва карз: 10.2. Проблемаҳои таъмини заминаҳои институтсионалии рушди бахши бонкӣ ва иртиботи мутакобилаи он бо Бонки миллии Тоҷикистон; 10.3. Проблемаҳои таъмини ҳамоҳангии макросиёсат ва микроравиши пулию карзӣ ва бонкӣ нисбат ба рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.4. Проблемаҳои таъмини сиёсати мутавозини бонкӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, карздиҳӣ ва ташаккули дороиҳои ғайрифаъоли бонкӣ дар ҳамаи масири сарчашмаҳо ва захираҳо. 10.7. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо бо иштироки давлат, бонкҳо бо иштироки хориҷиён, инчунин бонкҳои минтакавӣ; 10.13. Проблемаҳои арзёбӣ ва таъмини эътимоднокии бонк, мувофикат мекунанд.

## Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ва коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он

Тамоми марҳилаҳои иҷрои накшаи кории илмӣ, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, максадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои он, таҳлил ва

асосноккунии нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Саҳми муаллиф дар таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва методии мушкилоти низоми бонкӣ, осебпазирии онҳо, як қатор масъалаҳои методӣ вобаста ба тағйирёбии нишондиҳандаҳо зоҳир мегардад, ки дар маҷмуъ ба таъмини устувории низоми бонкӣ мусоидат мекунанд. Ҳамчунин, як қатор мафҳумҳое, ки ҳамбастагии таъсиррасонӣ байни якдигар доранд, ба таври назариявӣ ва амлӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, дар сатҳи зарурӣ вобаста ба таҳлилҳо ва натиҷаҳои бадастомада такмили самтҳои минбаъдаи фаъолияти бонкӣ боназардошти рушди онҳо, ки ба гуногунрангсозии амалиётҳо вобаста мебошад, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Механизмҳои устуворӣ ва рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва модели рушди он дар шароити буҳрони молиявӣ таҳқиқ гардида, роҳҳои такмили низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номувозинатии иқтисодиёт пешниҳод шудааст.

Муқаррароти асосии таҳқиқот дар конфронсҳои илмӣ - назариявии ҷумҳуриявию байналмилалӣ, семинарҳои илмӣ ва мизҳои мудаввар баррасӣ гардида, маъқул дониста шуданд. Натиҷаҳои алоҳида ва муқаррароти тадқиқоти диссертатсионӣ барои истифода ба Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ пешниҳод карда шудааст. Маводи назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсияро дар якҷоягӣ бо пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар ҷараёни таҳқиқот бадастомада зимни таҳияи матни лексияҳо аз фанҳои «Муомилоти пулӣ ва қарз», «Пул, қарз ва бонкҳо», «Амалиёти бонкӣ» истифода бурдан мумкин аст. (саҳифаҳои 56,71,74,75,76, 83,86)

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот имкон медиҳанд, ки вобаста ба имконият ва иқтидори мавҷуда устувории низоми бонкӣ таъмин гардида, механизмҳои муосири таъсиррасон дар сатҳи зарурӣ истифода гарданд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти баитмомрасида дар пайдо кардани роҳҳои имконпазири таъмини бехатарии низоми бонкӣ, рушд ва устувории низоми мазкур, пешниҳоди роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷойдошта ва муайянсозии механизмҳои рушди низоми бонкӣ зоҳир мегардад. (саҳифаҳои 37, 39, 41, 48, 55, 56, 74, 92, 117,132,141).

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки бо истифода аз таҷрибаи амалии бонкҳо дар ҷараёни амалиёт ва хизматрасонӣ механизмҳои таъмини устувории низоми бонкӣ дар шароити имрӯза коркард ва дар сатҳи зарурӣ пешбинӣ гардидааст. Ҳамчунин, баҳодиҳии эътимодноки устувории ташкилотҳои қарзӣ фарқ карда шуда, бонкҳо аз рӯйи ҳолати воқеии дороиҳо ва имкониятҳои сифати дороиҳо таснифот шуда, муаммоҳо ва устувории молиявии онҳо пешгӯӣ карда шуданд. Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи сиёсати пуливу қарзӣ, низоми бозтамвил ва мақомоти давлатӣ ҳангоми таҳияи санадҳои

меъёрӣ - ҳуқуқии дахлдор ва қабули қарорҳо оид ба таъмини устувории низоми бонкӣ ва иҷрои барномаҳои давлатӣ метавонанд аз тавсияҳои пешниҳодшуда истифода баранд (саҳифаҳои 74,77,85,92,106, 107,119,120,121,142, 152).

**Натиҷаҳои тадқиқот ва навгонишои илмии диссертатсия**

Таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ ҳамчун муваффақияти илмӣ дар навгониҳои илмии он инъикос гардида, фарогири муҳимтарин матлабҳои илмию амалӣ дар мавзӯи мавриди назар мебошад (саҳ. 10-12). Навгонии илмии диссертатсия аз ҳалли масъалаҳои фаврии илмӣ дар самти муаммоҳои низоми бонкӣ ва эътимоднокии унсурҳои алоҳидаи он (ташкилотҳои қарзӣ) иборат буда, таҳлили ин мушкилот бо дарназардошти тамоюлҳои мавҷудаи рушди бахши бонкӣ ва ҳамгироии иқтисодии он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба анҷом расонида шуда, методологияи ташкили низоми стандартикунонии баҳодиҳии бонки тиҷоратӣ асоснок ва модели баҳодиҳии устувории он таҳия карда шудааст.

Натиҷаҳои асосии илмӣ, ки дорои навоварии илмӣ мебошанд ва омӯзиши раванди пажӯҳишро муайян мекунанд, иборатанд аз:

- вобаста ба заминаҳои ташаккул, зарурат ва аҳаммият, таъмини роҳҳои фаъолгардонии бахши бонкӣ, назарияҳои асосии олимони соҳа, ки чараёни ташкили низоми бонкиро бо назардошти хусусиятҳои асосӣ ва мундариҷаи густариши низоми бонкӣ ва дар давраи дигаргуншавии низоми муносибатҳои иқтисодӣ ифода менамояд, дар бар гирифта, тавсифи бонкҳои тиҷоратӣ вобаста ба зарурати иқтисодии онҳо бо такя ба як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ироа шудааст;

- дар марҳалаҳои хоси иқтисодӣ таҳлил ва арзёбии ҷараёни устувории фаъолияти бонкҳо дар ҳамбастагӣ бо равандҳои гуногуни иқтисодӣ, ки онҳо бо равандҳои таъсиррасон ба устуворӣ, пардохтпазирӣ ва босуботии низоми бонкӣ алоқамандант, ошкор карда шудааст;

- вобаста ба мавқеъ, сохтор, ҳиссаи фаъолият, арзёбии умумӣ, таҳлили тавозун, сиёсат, рушди якхелаи бонкҳо, мутобиқати рушди муҳити иқтисодии давлат, муаммоҳои низоми қарзӣ, омилҳои бесуботӣ дар доираи фарогирии хоҷагии халқ таснифи сатҳи устувории низоми бонкӣ пешниҳод шудааст;

- таҳлили вазъияти имрӯзаи қарзӣ ва захиравии низоми бонкӣ дар доираи нишондиҳандаҳои молиявӣ аз рӯйи ҳаҷм ва сохтори дороиҳо амалӣ ва роҳҳои имконпазири он вобаста ба гурӯҳбандии бонкҳо пешбинӣ гардидаанд;

- нишондиҳандаҳои алоҳида ва муҳимми молиявии низоми бонкӣ, ки аз ҳаҷми дороиҳо, нишондиҳандаҳо вобаста ба пардохтпазирӣ, ҳаҷми қарзҳо, ҳаҷми пасандозҳо ва дигар масъалаҳои муҳимми молиявӣ вобастаанд, бо муайян кардани сатҳи устувории низоми бонкӣ тавассути ҳалли муаммоҳои ҷойдошта

дар доираи имкониятҳои эътимоднокии бонкҳои тиҷоратӣ муайян карда шудаанд;

- ҳолатҳои пешниҳоди такрории гарав ва дар заминаи он гирифтани қарз аз бонкҳо, инчунин, сохтакорӣ дар захираҳои нақдӣ дар филиалу марказҳои хизматрасонӣ дар минтақаҳои дурдаст бо ҳамкории соҳибкорон ва тоҷирони хурд ошкор гардид; ғайр аз ин, дар заминаи ташкили муҳити гуногунрангсозӣ, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таъсири омилҳои хатарафзо сатҳи низоми бонкиро коҳиш медиҳад, нақша тахия гардида, механизмҳои имконпазири рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи гуногунрангсозӣ пешбинӣ гардидааст.

Илова бар ин, дар баробари муваффақиятҳои илмӣ, ки ҳамчун навгонӣ ифода ёфтаанд, унвонҷӯ мавқеи худро дар таҳқиқоти анҷомгардида ҳамчун нуқтаи ба ҳимоя пешниҳодшуда муайян намуда то як андоза бо асоснокунӣ масъалаҳои зеринро исбот намудааст:

- давраҳои рушди низоми бонкӣ вобаста ба падидаҳои бавуҷудомада, ки асоси воқеии рушди низоми бонкӣ мебошанд, муайян намудааст;

- равандҳои таҳлил ҳангоми арзёбии омилҳои истифодашавандаи муаммоҳои низоми бонкӣ ва ҷузъҳои асосӣ ва таркибии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ дараҷабандӣ гардидааст;

- вобаста ба шароит ва дигар имкониятҳои мавҷуда муайян кардани равандҳои устуворӣ, ки фарогири масъалаи сиёсати бонк, захираҳо ва дигар имкониятҳо мебошанд;

- дар шароити доимотағйирёбандаи иқтисодиёти имрӯза муайян намудани иқтидори қарзӣ ва муаммоҳои дар ин самт ҷойдошта бо таъсири омилҳои субъективӣ ва объективӣ;

- масъалаҳои асосии арзёбии устувории нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ дар доираи имкониятҳои молиявии онҳо ва роҳҳои имконпазири ҳалли мушкилоти мавҷуда пешниҳод шудааст;

- усулҳои муайян кардани устувории низоми бонкӣ вобаста ба меъёрҳои пардохтпазирӣ ва тавсифи равандҳои арзёбии омилҳои алоҳидаи устуворӣ ва осебпазирии низоми бонкӣ таҳқиқ шуда, таъмини устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи нақшаи муайяни гуногунрангсозӣ бо дурнамои рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ пешниҳод гардидааст.

### Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он

Диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич таҳқиқоти ба таври мустақилона ба анҷомрасида буда, гузориши масъала, мақсад ва вазифаҳои муайянро ифода менамояд. Сохтори диссертатсия дуруст танзим гардида, аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, номгӯи ихтисораҳо, хулоса, феҳристи адабиёт

(202 номгӯй)-ро дар бар мегирад. Кори диссертатсионӣ дар ҳаҷми 176 саҳифаи матни компютерӣ, аз ҷумла 6 расм, 18 ҷадвал, 10 диаграмма ва 2 замима таркиб ёфтааст.

Дар мукаддима зарурати омӯзиши мавзӯъ, сатҳи баррасии мушкилоти механизми карздиҳии субъектҳои кишоварзӣ, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот муайян ва ҷанбаҳои асосии кор бо навгониҳои илмӣ муаррифӣ гардида, масъалаҳои таҳқиқот, нуктаҳои ҳимояшаванда дар сатҳи назариявию амалӣ асоснок карда шудаанд (саҳ.4-14).

Дар боби аввали рисола асосҳои назариявию методии ташаккули устувории низоми бонкӣ, инчунин асосҳои ташаккули низоми бонкӣ ва аҳаммияти иктисодии онҳо дар ҷомеа мавриди баррасӣ карор гирифтааст, ки аз назари методолгияи илмии имрӯз аҳамияти махсус доранд. Масъалаҳои ташаккули низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити иктисодиёти давраи гузариш, омилҳои асосии устуворӣ, босуботӣ ва пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ мавриди баррасӣ карор дода шудаанд (саҳ.15-61). Муаллиф таъкид менамояд, ки тараккиёти соҳаҳои гуногуни иктисодӣ аз вазифаҳои муассири низоми бонкӣ вобаста буда, ин вазифаҳо дар шаклҳои ҳархела ва бо ҳадафҳои гуногун амалӣ карда мешаванд. (саҳ. 30) Низоми бонкӣ байни карздиҳанда ва карзгиранда дорои вазифаҳои асосии миёнарав мебошад, ки байни фурӯшанда ва харидор, барои ба танзим даровардани пули дар муомилотбуда яъне ҷамъкунӣ ва азнавтаксимкунии сармояи пулӣ мебошад (сах 31). Унвонҷӯ рушди низоми пулию бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо назардошти мулоҳизоти олимон ва коршиносон ба панҷ марҳила даврабандӣ намудааст. Дар ин замина чунин акидаи муаллиф "дар сатҳи низоми бонкӣ, ба андешаи мо, чунин вазифаҳо фарогири тамоми масъалаҳо, амалиётҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ мебошад" кобили кабул аст.

Марҳилаҳои ҳукукии ташаккул ва рушди низоми пулию бонкӣ то замони истиклолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Нуров М.Р. ба шаш марҳала даврабандӣ шудааст, ки аз руи рушди меъёрҳои ҳукукию иктисодӣ мувофиқат менамоянд. Қабули конунҳои «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» рушди низоми миллии бонкдориро асоснок менамоянд. Ҳамчунин, баён менамояд, ки "низоми бонкӣ бояд тавре сохта шавад, ки дар сурати ба вуҷуд омадани эҳтимолияти хатар ҷараёни коҳиш додани он аз рӯйи сохтори низоми бонкӣ таксим карда шавад".

Ин андешаи имлмии муаллиф қобили истикбол буда дар заминаҳои мухталифи соҳаи макур метавонад мавриди корбаст карор дода шавад. Таксимбандии сатҳи амалиётҳои эҳтимолияти хавфи баланддошта дар сохтори низоми бонкӣ имконияти самаранок паси сар намудани мушкилотро дар сатҳи зарурӣ таъмин менамояд. Муаллиф мафҳумҳои "устуворӣ", "босубот",

“пардохтпазирӣ”, “бозоргирӣ”, “эътимоднокӣ”, “рақобатпазирӣ”-ро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии онҳоро вобаста аз устувории низоми бонкӣ тафсир ва пешниҳод намудааст, ки ин кори муаллиф саҳми муносибе дар илми соҳа маҳсуб мешавад (саҳ 38-54). Унвонҷӯ мафҳуми бонкро чунин пешниҳод менамояд “бонк ин муассисаи универсалӣ буда, фаъолияташро дар доираи меъёрҳои қонун ба роҳ монда, иҷрои амалиётҳоро аз рӯйи феҳристи иҷозатдодашуда иҷро карда, мақсади он гирифтани фоида дар асоси принсипҳои муайян мебошад”, ки мафҳумоти ҷойдоштаро ба қадри кофӣ пурра хоҳад намуд. Вобаста ба ҳолати имрузаи иқтисоди миллӣ ва раванди ҷаҳонишавӣ ақидаи хешро чунин баён доштааст: “Ба андешаи мо, дар шароити имрӯза ба бонкҳо имконият фароҳам овардан ҷиҳати рушди фаъолияти саноатӣ ва кишоварзӣ, ки аз нуқтаи назари таҳкими рақобатпазирии онҳо муҳим мебошад, чунин тавсия дода мешавад, ки ҳамзамон, равандҳои муштараки он дар ҳамкориҳои судманд муқаррар карда шуда, тақсимоти захираҳои қарзию сармоягузории низоми бонкӣ дар ҳадди 60% ба ин соҳаҳо сафарбар карда шавад.”

Албатта ин тадбирҳо на танҳо дар соҳаи бонкдорӣ, балки тағйироти санаду меъёрҳои амалкунандаро низ талаб менамояд. Самарабахшиву шарикии низоми бонкӣ бахши воқеии иқтисодиётро таъмин хоҳад кард. Дар саҳифаи 58 омадааст ки: “Аз нуқтаи назари мизоҷон, мувофиқат бо шарикӣ, истифодаи мафҳуми эътимоднокии бонк беҳтар аст, аммо аз нуқтаи назари макроиқтисодӣ, ба ақидаи мо, истилоҳи бонки устувор ҳамчун мафҳуми мукаммал истифода карда мешавад, зеро ин ба нуқтаи назари мизоҷон каме мушкил ва бегона мебошад ва мизоҷон бештар бонки боэътимодро наздиктар медонанд” мавқеи баҳсталаб мебошад.

Дар боби дуюми диссертатсия таҳлили рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаммоҳои он, устувории нишондиҳандаҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарздиҳии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаммоҳои иқтисодии он, нишондиҳандаҳои алоҳидаи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаммоҳои он таҳлил гардида, пешниҳодҳои илман асоснок инъикос ёфтаанд (саҳ.61-107). Унвонҷӯ модели схематикиро пешниҳод намудааст, ки бонкҳои тиҷоратиро аз рӯи иқтидор ва имкониятҳо гурӯҳбандӣ менамояд, ки ба шароити имрӯзаи мувофиқгардонии низоми бонкии миллӣ ба низоми давлатҳои рушдкарда мутобиқ мебошад (саҳ 69). Модели таҳлил ва омилҳои арзёбии низоми бонкӣ амали мустақилонаи унвонҷӯро тасдиқ менамояд (саҳ. 74). Таҳлили возеҳи фаъолияти қарздиҳии низоми бонкӣ дар мушаххас намудани сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ асос барои тавсияҳои амалии диссертатсия гардидааст (саҳ 77-92). Дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ: дороиҳо, ухдадориҳо, пасандозҳо ва сандуқи

қарзӣ ба хулосаи дуруст меояд, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи гурӯҳбандии рейтингӣ ба талаботи зинаи дуюми низоми рейтингӣ (каноатбахш) шомил мебошад.

Дар боби сеюми диссертатсия таҳияи механизми таъмини устувории мутобиқшавандаи ташкилотҳои қарзӣ дар Тоҷикистон, баҳодиҳии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номувозинатии иқтисодиёт, масъалаҳои асосии солимгардонии нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ дар шароити баландшавии хавфҳои бонкӣ, гуногунрангсозии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун омили таъмини устувории мутобиқшаванда таҳқиқ гардидааст (саҳ.108-149). Муаллиф қайд менамояд, ки дар низоми бонкии кишвар шумораи бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии низомсоз хеле кам мебошанд ва аз 63 бонку ташкилотҳои қарзии дар низоми бонкӣ амалкунанда, танҳо як бонки давлатии низомсоз БДА ҶТ «Амонатбонк» ва ду бонки тиҷоратӣ ҶСК «Ориёнбонк», ҶСК «Бонки Эсхата», ҳамчунин ташкилоти қарзии ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» аз рӯйи меъёрҳои баҳодиҳӣ (аз 8% зиёд) шомил мебошанд (саҳ. 112-113). Дар ин замина ба унвонҷӯ муяссар шудааст, ки ҷиҳати баҳодиҳӣ ва хулосабарории дуруст татбиқи сиёсати макропруденсиалиро мавриди таҳлил қарор диҳад. (саҳ 114-121).

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқ ҷамъбаст карда шуда, хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосӣ ба таври мушаххас арзёбӣ гардидаанд, ки истифодаи онҳо дар таъмин намудани рушди низоми бонкӣ ва такмили механизми устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат мусоидат хоҳад кард (саҳ.150-154).

Арзиши илмии диссертатсияро аз рӯйи нашри мақолаҳои унвонҷӯ мусбат баҳогузорӣ намудан мумкин аст. Хулосаҳо ва муқаррароти асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар 7 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст (саҳ.175).

Ҷоизи қайд аст, ки диссертатсия дар робита ба меъёрҳо ва давраҳои амалигардонии Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 таҳия шудааст.

Таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ аз ин ҷиҳат низ қобили дастгирӣ мебошад, ки дар шароити имрӯза барои татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар, ки таъмини устувории низоми бонкӣ ҳамчун яке аз бахшҳои иқтисодиёти миллӣ аст мувофиқи мақсад мебошад.

**Эродҳо ва баъзе пешниҳодот доир ба шаклгирии диссертатсия**

Бо вуҷуди дастоварду муваффакиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва хатогиҳое, ки хусусияти ҷузъи доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертасияро коста намегардонад, ки зеринҳоро дар бар мегирад:

1. Дар таҳкикоти диссертатсионӣ муаллиф андешаву мулоҳизаҳои илмии як катор олимону коршиносони соҳаро мавриди баррасӣ карор дода, дар ин замина ба натиҷаҳои хуби илмӣ расида, пешниҳодҳои амалишаванда ва манфятбахшро манзур сохтааст. Бо вуҷуди ин, хуб мешуд агар механизми таъмини устувории низоми давлатҳои ҳамсоя аз рӯи нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ бештар мавриди муқоиса қарор мегирифтанд, ҷанбаи амалӣ ва татбиқии диссертатсия пурқувват мегардид.

2. Ба панҷ давра тақсим намудани марҳилаҳои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллифи рисола яке аз муҳимтарин натиҷаҳои ба дастовардаи мавсуф маҳсуб мешавад, ки боиси истиқбол мебошад. Афзур бар ин, унвонҷӯ нишондиҳандаҳои афзалиятноки ҳар як давраро мушаххас ва бо таҳлили нишондиҳандаҳо оид ба устувории низоми бонкӣ ба пуррагӣ қайд менамуд арзиши илмии рисола меафзуд.

3. Дар рақамгузории ҷадвалҳои фасли дуюми боби дуюм ғалатҳои техникӣ ба назар расидаанд, ки ислоҳи онҳо тавассути ғалатнома ба мақсад мувофиқ мебошад (саҳифаҳои 128, 130).

4. Дар диссертасия баъзе маврид норасоӣ ва нофаҳмоӣ дар шарҳу тафсири диаграмма ба назар мерасад. Беҳтар мебуд агар аломатҳои диаграмма дар шакли ранга ифода мегардиданд.

5. Дар боби аввали диссертатсия иқтибосот аз олимон ва коршиносон бо назардошти рӯйхати адабиётҳо каме таҳрир мехоҳанд. Ба назар доштани адабиётҳои марбут ба самти таҳқиқот мувофиқи матлаб хоҳад буд.

Камбудию норасоиҳои баён шуда, ба мӯҳтавои мусбии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва хислати тавсиявӣ доранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи унвонҷӯ дар заминаи муқаррароти Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, мукаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳкикот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертасия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи

мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифта асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Ғайр аз ин, як қатор меъёрҳои дигар: ҳаҷми диссертатсия, ҷадвалу диаграммаҳо, адабиётҳои истифодашуда ва монанди инҳо аз тарафи унвонҷӯ ҳангоми таҳияи диссертатсия риоя гардидаанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

## Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз тадқиқоти ба итмомрасида маҳсуб ёфта, дар сатҳи баланди назариявӣ навишта шудааст. Таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст ва ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияи номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат намуда, муаллиф Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Тақриз аз тарафи Қурбонова Фирӯза Алиҷоновна - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра № 9 аз таърихи «27» апрели 2023 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

**Раиси ҷаласа**:
мудири кафедраи кори бонкии
факултети иқтисодии МДТ
«ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров»
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Хамидова С.Х.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи кори бонкии
факултети иқтисодии МДТ
«ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» — Қурбонова Ф.А.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
омузгори калони кафедраи кори
бонкии факултети иқтисодии МДТ
«ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» Ҳасанова Н.Ҷ.

Имзоҳои С.Х. Хамидова, Ф.А. Қурбонова ва Н.Ҷ Ҳасанова-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд
Гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; Факс (83422) 6 75 18;
E-mail: rector@mail.ru, firuza.1978@inbox.ru